# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар асоси моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳаёти инсон аз лиҳози арзишӣ ҳолатест, ки аз ҷониби кулли ҷомеа ва ҳар инсони алоҳида ҳамчун неъмат шинохта мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ҳуқуқи ҳар инсон ба ҳаёт моҳияти асосҳои башарии фаъолияти низоми ҷомеаро ташкил медиҳад. Маҳз барои ҳамин давлатро мебояд, ки ҳаёти инсонро тавассути додани кафолати тадбиқи ҳуқуқ ба ҳаёт, тавассути эҷоди шароити зиндагии шоиста ва амн шаҳрвандонро, ҳимоя кунад.

Ҳамин тариқ, 10-уми июли соли 2014 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуда буданд, ки «Падидаи нангини худкушӣ ва сӯйиқасд ба он низ яке аз мавзуъҳои мубрами рӯз ва боиси ташвиши ҷиддии ҷомеа ва давлат мебошад. Бо вуҷуди чораҳои андешидашуда рӯй додани чунин ҳодисаҳои нангин идома дошта, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохтору мақомоти масъули давлатӣ дар пешгирӣ ва ошкор намудани сабабу омилҳои онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нест».

Бояд зикр кард, ки истифодаи василаи ҳуқуқию ниҳодии ҳимояи ҳаёти ҳар кас аз ҷониби давлат, кӯшишҳои ташаккули фазои оштинопазир нисбати зуҳуроти муносибати бераҳмона ба ҷабрдидагон, паст задани шаъну эътибори онҳо, ки усули ба худкушӣ расонидан мебошанд, натиҷаҳои мусбати қобили интизорро ба бор намеоранд.

Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро чун вазифаҳои муҳимтарини милитсия мустаҳкам кардааст, вале то ҳол натиҷаи мусбати пурра аз ин Қонун зоҳир нашудааст. Инчунин, вазифае, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» барои решакан кардани он пешбинӣ шудааст, татбиқи ҳамаҷонибаро тақозо мекунад.

Маҳз аз ҳамин сабаб, қонунгузории ҷиноятӣ бо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, муқовимати худро ба ин зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ ифода намудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ, ки бо ёрии он давлат баттаҳдид ва хатарҳои ба ҷомеа равонагардида вокуниш мекунад ва амали ин қонунгузорӣ ба он соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятие паҳн мегардад, ки танзими онҳо бо истифода аз меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи дигар басанда нест. Вобаста ба ин, нақши махсус дар пешгирии ҳодисаҳои ба худкушӣ расонидан, бояд ба воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбат дода шаванд.

Ислоҳотҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идомадошта таҳқиқоти назариявии масоили ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро талқин мекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ дар пайи арзиши олӣ эътироф намудани ҳаёти инсон, муқаррароти моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тадбиқ мекунад.

Вобаста ба ин, аз ҷумла дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахси дигар муқаррар шудааст.

Падидаи иҷтимоӣ дар намуди худкушӣ дар Тоҷикистон то андозае паҳншуда ба ҳисоб меравад. Алҳол Тоҷикистон аз ҷиҳати худкушӣ дар миқёси дигар кишварҳо яке аз ҷойҳои назаррасро доро мебошад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Саидзода Меҳрубон Акбархон соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми ноябри соли 2015, №515 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, онро бо фармоиши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 хатм намудааст. Илова бар ин, бо фармони сардори Академияи ВКД аз 19-уми марти соли 2016, таҳти №125 ба ҳайси сардори кабинети кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории худро шурӯъ карда, аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси омузгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Таҷрибаи таърихии муқовимат бар зидди ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан» аз се зербоб иборат буда дар он масъалаҳои сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ба худкушӣ расонидан, инкишофи қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан, танзими қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи криминализатсия намудани чунин кирдорҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм «Аломатҳои объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан», ки аз ду зербоб иборат мебошад, аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объеки хелии ҷиноятҳое, ки дар фасли VII Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, ба таври гуногун тафсир карда мешаванд, вале дар умум ҳисоб мешавад, ки ба сифати чунин объект шахсият баромад менамояд. Аз ҷониби бештари олимон объекти намудии ҷинояти ба худкушӣ расонидан «ҳаёт ва саломатии шахс, новобаста аз синну сол, вазъи ҷисмонӣ ва сатҳи рушди зеҳнии ӯ» эътироф мешавад. Бештар, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намудани объекти бевоситаи таркиби ҷинояти мазкур, боиси гуногунандешӣ гардидааст. Ба чунин сифат муносибатҳои ҷамъиятие, ки бехатарии ҳаётро таъмин мекунанд, «ҳуқуқ ба ҳаёт» ва худи «ҳаёт» номбар мегардад.

Дар боби сеюм бошад, масоили «Аломатҳои субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан» таҳлил карда шудааст. Боби мазкур ду зербобро дар бар мегирад. Бинобар ин, татбиқи таҳлилҳои нишондодашуда дар боби мазкур се масъала: субъекти ба худкушӣ расонидан; тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан ва ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд мавриди барраси қарор дода шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳод натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино кучаи Испечак 2
Тел: (+992) 918-40-86-00
E-mail: takdirshoh@mail.ru

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«20» 11 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудаки, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj